# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко 69, тел. ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 221-75-25

## ФАРМОИШ

аз «17» 10 соли 2023, № 671 ш. Душанбе

Оид ба иҷрои қарори ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 октябри соли 2023, № 10-7 “Оид ба рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2020, №271 «Дар бораи ҷорӣ намудани механизми таъин ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (бо тағйиру иловаҳо аз 23 ноябри соли 2022, №548) дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ”

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 октябри соли 2023, № 10-7 “Оид ба рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2020, №271 «Дар бораи ҷорӣ намудани механизми таъин ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (бо тағйиру иловаҳо аз 23 ноябри соли 2022, №548) дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ” мутобиқи банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти № 148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Маълумотнома “Оид ба рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2020, №271 «Дар бораи ҷорӣ намудани механизми таъин ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ” ба инобат гирифта шавад.

2. Ба сардори Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Қурбонзода Қ.Б.), сардори Шӯъбаи аудити дохилии вазорат (Сафаров Ф.) ва сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Бекмуродзода С.Б.) супориш дода шавад, ки рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2020, №271 бо дарназардошти тағйиру иловаҳои аз 23 ноябри соли 2022, №548 ба он

воридгардида тахти назорат, таҳлил ва арзёбӣ қарор дода, аз натиҷаи корҳои анҷом додашуда мунтазам ба вазорат маълумоти муфассал пешниҳод намоянд. Мӯҳлат: Мунтазам .

3. Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Холзода А.Қ.) якҷо бо шуъбаҳои вилоятӣ ва бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шаванд, ки камбудиҳое, ки дар ҷараёни амалисозии таъин, маблағгузорӣ ва пардохти кумакпулии иҷтимоии унвониии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат ошкор карда шудаанд, дар муҳлати кутоҳтарин бартараф намуда, оид ба баланд бардоштани самаранокии иҷрои қарори номбурда ва беҳтарнамоии сатҳу сифати зиндагии оилаҳои камбизоат тадбирҳои дахлдор андешида, аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ба вазорат маълумоти муфассал пешниҳод намояд. Мӯҳлат: Мунтазам.

4. Назорати рафти иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Шодихон Ҷамшед вогузор карда шавад.

Вазир — Ҷ. Абдуллозода

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
БАРОИ ФАРМОНҲО
ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ